**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Масъалаи омӯзиши моддаҳои луғавии иқтибосӣ дар луғатшиносӣ яке аз масъалаҳои калидиест, ки тавассути омӯхтани он на танҳо хусусиятҳои гуногуни грамматикии дахил, балки як идда вижагиҳое мисли тағйиротҳои забонӣ дар сатҳи луғат, раванди таҳаввулот дар забон, бархӯрди забонҳо ва фарҳангҳоро низ беҳтар метавон дарк кард. Диссертатсияи Сатторов Нурали низ ба ҳамин ҷанбаи забон бахшида шудааст. Бинобар ин, иқтибосоти забонӣ бо масоили таърихӣ-фарҳангӣ робитаи ногусастанӣ доранд. Иқтибосшиносӣ яке аз соҳаҳои забоншиносиест, ки то ҳол камтар таҳқиқ шудааст, бахусус, дар мисоли маводи фаровони иқтибосӣ, ки забони мо дорад ва иқтибосот дар ҳама сатҳу қабатҳои он ба назар мерасад. Ҳамчунон ки Саттров Нурали дар автореферати худ қайд мекунад: таҳқиқи забоншиносии асаре метавонад дар муайян намудани манзараи инкишофи забон дар мароҳили муайяни таърихӣ нақше дошта бошад. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасии нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар сохтори калимасозӣ такя ба «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ аз аҳамияти волои илмӣ бархӯрдор буда, саривақтӣ ва айни муддао ба шумор меравад (с.4).

Кори илмии Сатторов Нурали, ки ба масъалаи омӯзиши таҳқиқи **«Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)»** бахшида шудааст, дар он доир ба сохтор, муҳтаво ва гурӯҳҳои сохторию маъноии онҳо маълумоти нисбатан мукаммал оварда шудааст. Назару андешаҳо ва таҳқиқоти анҷомдодаи забоншиносон аз қабили Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, Х. Ҳусейнов, Р. П. Смирнова, Р. Ҷӯраев, Г. И. Козлов, М. Давлатова, С. Муллоҷаев, С. Сабзаев, С. Ҳоҷиев, Раҳматуллозода С. ва дигарон дар кори илмии Худоёрова чун муттакои назариявӣ хидмат кардаанд.

**Навгонии таҳқиқоти илмӣ** қабл аз ҳама дар он инъикос ёфтааст, ки омӯзишу баррасии нақши воҳидҳои луғавии арабӣ дар калимасозии тоҷикӣ дар асоси «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ аввалин бор мавриди баррасӣ қарор гирифтааст; калимасозии пасвандҳои тоҷикӣ бо иқтибосоти арабӣ мавриди баррасии густурда қарор гирифтааст; баррасии калимасозии исмҳои мураккаби тобеъ бо такя ба калимаҳои иқтибосии арабӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ барои равшан сохтани раванди азхудшавию мунҳал шудани

ин иқтибос аҳамияти калони илмӣ дорад, ки дар диссертатсия ҳаматарафа баррасӣ шудааст; калимасозии феъл дар «Ёддоштҳо» мавриди баррасӣ қарор гирифта, феълҳои таркибии номӣ, ки бо ёрии феъли ёридиҳандаи забони тоҷикӣ ва калимаҳои иқтибосии арабӣ сохта шудаанд, таҳқиқи илмӣ шуда, бо ин роҳ моҳияти иқтибосоти арабӣ дар ташаккули феълҳои таркибии забони тоҷикӣ муайян гардидаанд.

Маводи асосии таҳқиқи диссертатсияро воҳидҳои луғавии аз ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ бадастомада ташкил медиҳанд.

Автореферати мазкур аз муқаддима, «Муҳтавои асосии диссертатсия», ки дар он фишурдаи бобҳои диссертатсия оварда шудааст, хулоса ва рӯйхати чаҳордаҳ номгӯй мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашрнамудаи муаллиф оварда шудааст, таркиб ёфтааст, ки дар ҳар бахш вобаста ба унвони худ маълумоти нав, муфид ва таҳлилҳои ҷолиби диққат оварда шудаанд.

Дар қисмати хулоса муҳаққиқ андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, миқёс ва самтҳои асосии таҳқиқотро нишон додааст.

Автореферати диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Фишурдаи мазкур бо забони фасеҳу равон буда, дар маҷмуъ натиҷаи пажуҳиши муаллифро инъикос мекунад. Аз мутолиаи он бармеояд, ки муҳаққиқ дар баробари эҳтиром гузоштан ба андешаи олимон бо овардани санадҳои муътамад ба саҳифаҳои асарҳои илмӣ ишора карда, андеша ва пешниҳодоти худро вобаста ба масъалаҳои пешомада ироа кардааст.

Дар автореферати Сатторов Нурали баъзе камбудиҳои имлоӣ аз қабили беташдид навиштани калимаҳое, ки ҳарфи охири онҳо таърихан мушаддад аст, ҳангоми изофат гирифтан ё калимасозӣ барқарор мегардад, мисли “хоса”, (саҳ. 3), “хоси адабиётшиносӣ” (саҳ. 5...) ва ғ., ки ба талаботи имлои муосир мувофиқат намекунад, ва иштибоҳоти услубӣ дар мисоли истифодаи вожаи “парастиш”, “фразеология” дар саҳифаҳои 3, 4 ва ғайра, ки ҳусни корро мекоҳонад, ба назар мерасанд.

Камбудиҳои имлоии мазкур ислоҳшаванда буда, моҳияти илмӣ ва дастовардҳои муаллифи диссертатсияро кам намекунанд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқоте, ки Сатторов Нурали анҷом додааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ дар забоншиносии муосири тоҷик, пажуҳиши нав, дархӯри манфиат ва эҳтиёҷи замон ва шароити муосири забонпажуҳӣ мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба чунин натиҷа расид, ки кори таҳқиқотии Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» кори баанҷомрасида

мебошад. Автореферат мухтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Таълифоти муаллифи рисола ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯй буда, фарогири мавзуи диссертатсия мебошанд. Муаллифи диссертатсия бо ҳимояи таҳқиқи мазкур лоиқи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**
мудири кафедраи забоншиносӣ
ва рӯзноманигории ДБЗХТ ба номи
С. Улуғзода, номзади илмҳои
филологӣ, дотсент — Сафарова Гулчеҳра Файзовна

Имзои н.и.ф., дотсент Г.Ф. Сафароваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

«6»-уми июни соли 2024

**Нишонӣ:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6
Тел.: +992 985 16 21 19
E-mail: safarova@mail.ru